Ҳар касе сир ё пиёз бихӯрад, бояд аз мо канорагирӣ кунад, ё фармуд: аз масҷиди мо дур шавад ва дар хонааш биншинад

Аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: «Ҳар касе сир ё пиёз бихӯрад, бояд аз мо канорагирӣ кунад, ё фармуд: аз масҷиди мо дур шавад ва дар хонааш биншинад". Рӯзе ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) деге оварда шуд, ки дар он чанд навъ сабзиҷот буд, аз онҳо бӯе ба машоми Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) расид. Пурсид ва ба ӯ хабар доданд, ки дар он гиёҳҳои бӯйдор аст. Гуфт: онро назди яке аз ёронам, ки бо ман аст, биёред. Аммо он саҳоба низ аз хӯрданаш имтиноъ варзид. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Бихӯр, ман бо касе (Ҷабраил) муноҷот (гуфтугӯ) мекунам, ки ту муноҷот намекунӣ." Дар ривояти Муслим аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят шудааст, ки Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Ҳар кас аз ин гиёҳи бӯйдор бихӯрад — яъне, сир, ва боре ҳам фармуд: ҳар кас пиёз, сир ва гандано (нӯшпиёз - як навъи гиёҳи пиёзмонанди бӯйнок)-ро бихӯрад, набояд ба масҷиди мо наздик шавад, зеро фариштаҳо аз он чизе, ки фарзанди Одам озор мебинанд, озор мебинанд."
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) касеро, ки сир ё пиёз бихӯрад, аз омадан ба масҷид манъ кард, то бо бӯйи онҳо бародарони намозгузорашро озор надиҳад. Ин манъ кардан танзиҳи аст (яъне нафратовар будан) аст, на ҳаром, зеро сир ва пиёз аз хӯрокҳои ҳалоланд. Рӯзе ба назди Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хӯроке оварда шуд, ки дар он сабзавоти бӯйдор буд. Вақте бӯяшро эҳсос кард ва фаҳмид, ки дар он чӣ ҳаст, худ нахӯрд ва он хӯрокро ба яке аз саҳобагонаш дод. Он саҳобӣ низ бо дидани Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз хӯрдан худдорӣ кард. Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт: Бихӯр, зеро ман бо фариштa ба воситаи ваҳй гуфтугӯ мекунам (яъне, ман бояд аз чунин бӯйҳо дур бошам, аммо ту метавонӣ бихӯрӣ). Паёмбари акрам (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки малоика низ аз бӯйҳои бад озор меёбанд, ҳамон тавре ки инсонҳо аз он озор мебинанд.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4850